***ББК-67.3(2Т)***
***УДК-34(09)***

***ТАЪЛИМОТИ ҚУРЪОН ОИД БА ҲОКИМИЯТИ СУДӢ (ТАДҚИҚИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚӢ ВА НАЗАРИЯВӢ)***

***Обидов Дилшод Солиҷонович,***
*н.и.ҳ, дотсент, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***УЧЕНИЯ КОРАНА О СУДЕБНОЙ ВЛАСТИ (ИСТОРИКО-ПРАВОВОЕ И ТЕОРЕТИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ)***

***Обидов Дилшод Солижонович,***
*к.ю.н., доцент кафедры теории и истории государства и права ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

***THE TENETS OF THE KORAN RELATED TO FORENSIC POWER (HISTORICAL-LEGAL AND THEORETICAL RESEARCH)***

***Obidov Dilshod Solidjonovich,***
*candidate of juridical sciences, Associate Professor, chief of the department of theory and history of state and law under the TSULBP (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:*** *ODS-1976@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқи исломӣ, анъанаҳои таълимоти судии паёмбар, таълимоти Қуръон, ҳокимияти судӣ, меъёргузорӣ, сураҳои Қуръон, ҳокимияти боадолат, қозӣ, ҳакам*

*Дар мақола таълимоти судии Қуръон – сарчашмаи аввалиндараҷаи классикии ҳуқуқи исломӣ зимни идроки мӯҳтавои хусусиятҳои пайдоиш ва сохтори таркибии Қуръон мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Табиати ҳуқуқии сураҳои қуръонӣ аз нигоҳи дар онҳо мавҷуд будани принсипҳо ва меъёрҳои судӣ таҳлил шудааст. Назари принсипиалӣ ва меъёрҳои судӣ таҳлил шудааст. Назари принсипиалӣ ва меъёрии Қуръон ба масоили адолати судӣ, хусусиятҳои фаҳмиши мазмуну моҳият, мақсаду мароми принсипҳо ва меъёрҳои судии қуръонӣ тавассути истифодаи васеи тафсирҳои маъруф ва мӯътамади Қуръон асоснок карда шудааст. Нақши таълимоти судӣ ва таҷрибаи доварии паёмбар Муҳаммад дар дарки моҳияти таълимоти судии Қуръон, вижагии ҷабҳаҳои гуногуни таълимоти Қуръон оид ба ҳокимияти судӣ, нақш ва аҳамияти онҳо дар татбиқи адолат ва қонунияти судӣ баён гардидааст. Мазмуни меъёрӣ ва ҳатмӣ доштани таълимоти Қуръон оид ба ҳокимияти судӣ махсус таъкид шудааст.*

***Ключевые слова:*** *исламское право, правосудные традиции пророка, учение Корана, судебная власть, нормоустановление, коранические суры, справедливая власть, кази, хакам*

*Исследовано судебное учение Корана – первостепенного классического источника исламского права - на базе содержательного осмысления особенностей возникновения и*

*структурного строения Корана. Отмечена правовая природа коранических сур исходя из существования в них принципов и норм судебного значения. Обосновано принципиальное нормативное отношения Корана к вопросам правосудия, понятия содержания и сущности, цели и назначения коранических принципов и норм судебного значения посредством широкого использования известных и достоверных толкований Корана. Изложена роль учения и правосудных традиций пророка Мухаммада (с) в познании судебной сути Корана, специфики различных аспектов учения Корана о судебной власти, их значения и роли в реализации судебной справедливости и законности. Особо подчеркнуто, что учению Корана о судебной власти характерна нормативность и обязательность.*

***Key words**: Islamic law, prophet's traditions related to law and court, the tenet of the Koran, forensic power, elaborated norms, Koranic suras, just power*

*The author has explored the forensic tenet of the Koran, that of the paramout classical original of Islamic Law, keeping to grave comprehension in regard to the peculiarities of the Koran, its arising and structure. He draws attention to the legal nature of Koranic suras proceeding from an existence of principles and norms being of forensic importance and permeating the sacred book. Principal normative attitude of the Koran to the issues of just-notions of content and essence, aim and assignment of Koranic principles and norms of forensic importance by means of broad usage of well-known and authentic interpretations of the Koran are well-grounded. The role of the tenet and the traditions of prophet Mukhammad referring to law and justice in a cognition of forensic essence of the Koran, specificities of diverse aspects of the tenet in question touching upon forensic power, their significance for realization of justice and lawfulness – all enumerated items are expounded. It is emphasized especially that this tenet is distinguished with correspondence to norm and obligatoriness.*

Дар замони муосири ҷаҳонишавӣ рӯй овардан ба дастовардҳои маънавии гузаштаи миллат аҳамияти актуалӣ дошта, барои рушду инкишофи давлатдории демокративу ҳуқуқӣ бо назардошти арзишҳои миллӣ мусоидат хоҳад кард. Дар ин самт, аҳамияти хосаро таълимоти исломи классикӣ оид ба ҳокимияти судӣ ташкил медиҳад. Дар таълимоти мазкур принсип ва ғояҳои муҳими таъмини қонуният ва адолати судӣ муқаррар гардидаанд, ки онҳо барои назария ва таҷрибаи имрӯзаи татбиқи адолати судӣ, рушди ахлоқи касбии кормандони мақомоти судӣ, ҳифзи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ низ таъсири мусбӣ дошта, дар маҷмӯъ барои расидан ба ҳадафҳои олии конститутсионӣ дар самти бунёди давлати демокративу ҳуқуқӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат хоҳанд кард.

Таълимоти исломи классикӣ оид ба ҳокимияти судӣ тавассути Қуръон ва суннати набавӣ инъикос меёбад.

Аммо мавқеи аввалиндараҷаи классикиро дар ин самт Қуръон ишғол мекунад.

Бояд гуфт, ки омӯзиши Қуръон ҳамчун китоби муқаддаси динии мусулмонон дар илмҳои гуногун аҳамияти муҳим ва мавқеи марказиро соҳиб буда, таваҷҷӯҳи аҳли зиёиён ва умуман ҷомеа дар ҳар давру замони таърихӣ нисбат ба ин масъала доимо пешбар аст.[3]

Дар доираи илмҳои ҳуқуқшиносӣ низ мавқеи Қуръон ҳамчун сарчашмаи классикии ҳуқуқи исломӣ ва танзимгари муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҷомеаи мусулмонӣ ҳамаҷониба мавриди тадқиқ қарор дода мешавад. Масалан, оид ба ин масъала тадқиқоти М.А. Сарсембаев, Ж.Баишев [12, с.43-44], А.Ғ. Холиқов [16, с.174], У.А. Азизов [4, с.100], Ф.М. Раҳимова [14, с.24-25] ва дигаронро мисол овардан мумкин аст.

Қуръон чун китоби муқаддаси динии мусулмонон аз маҷмӯи ваҳйҳо ё хабарҳои илоҳӣ иборат аст, ки онҳо байни солҳои 610-632 ба паёмбар Муҳаммад (с) дар ҳафт шакл нозил гардида буданд.[6, с.169] Ба ақидаи Р. Мақсуд, Қуръон фақат фарогири каломи илоҳӣ буда, дар он ҳеҷ сухане аз паёмбар Муҳаммад (с) вуҷуд надорад [11, с.44].

Барои аҳли ҷомеаи мусулмонӣ Қуръон сарчашмаи муқаддаси динӣ, ахлоқӣ, маънавӣ, эстетикӣ ва ҳуқуқиро ташкил медиҳад. Вобаста ба ин, дар Қуръон маҷмӯи принсипҳо ва қоидаҳои рафтор дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт муқаррар гардидаанд.

Дар дарк ва фаҳмиши муфассали табиати ҳуқуқии Қуръон, моҳияти таълимоти он оид ба ҳокимияти судӣ, адолат ва ҳақҷӯӣ, албатта, пеш аз ҳама, бояд сохтори таркибии он мавриди тадқиқи васеъ қарор дода шавад.

Қуръон ҳамагӣ аз 114 сура иборат буда, сураи калонтарини онро «Ал-Бақара» ташкил медиҳад, ки он аз 286 оят иборат аст. Бояд гуфт, ки дар сураи мазкур таълимоти ҷудогонаи меъёрии Қуръон оид ба ҳокимияти судӣ, хусусан, таълимот оид ба мафҳум ва моҳияти ҳокимияти судӣ, таълимот оид ба зарурати ҳатмии риояи адл, таълимот оид ба самтҳои фаъолият ва этикаи касбии қозӣ, таълимот оид ба далелҳои судӣ инъикос ёфтаанд [10]. Ҳамчунин дар ҳамин сура ояти дарозтарини Қуръон, яъне ояти 282 мавҷуд аст, ки дар он вобаста ба шаҳодат муқарраროти муҳим ҷой доранд. Муқарраროти мазкур минбаъд ба сифати заминаи меъёрии таълимоти мактабҳои ҳуқуқии исломӣ оид ба шаҳодат ҳамчун далели асосии судӣ истифода мешаванд.

Тамоми сураҳои Қуръонро, ба ақидаи муҳаққиқони исломӣ, хусусан Э. Кулиев [9, с.192] ба чор гурӯҳи зерин ҷудо кардан мумкин аст, ки дар ҳар яки онҳо ин ё он масоили таълимоти меъёрии Қуръон оид ба ҳокимияти судӣ инъикос ёфтааст: 1) сураҳои дароз ва калонҳаҷм (аз сураи дуюм то сураи нӯҳуми Қуръон), ки дар ин сураҳо меъёрҳои ҳуқуқии мазмуни адолати судӣ дошта бештар ҷамъ омадаанд; 2) сураҳое, ки тахминан аз 100 оят иборатанд (аз сураи даҳум то сураи сию панҷуми Қуръон). Дар ин гурӯҳ таълимоти судии мазмуни бунёдӣ доштаи Қуръон дар мисоли баъзе сураҳо, масалан, сураи 16 «Ан-Наҳл» дида мешаванд; 3) сураҳои бисёр такроршаванда (аз сураи сию шашум то сураи чилу нӯҳум), ки дар доираи онҳо таълимоти бунёдии Қуръон оид ба ҳокимияти судӣ, таълимот оид ба пайваста будан ва баромад доштани ҳокимияти судӣ аз ҳокимияти сиёсӣ, таълимот оид ба хислати зинагӣ доштани татбиқи адолати судӣ, таълимот дар бораи табиати мутлақи адли илоҳӣ дар муқоиса бо қудрати ҳукмкунии ҳокимони давр инъикос ёфта, асли онхоро сураи 38 «Сод» ташкил медиҳад; 4) сураҳои тақсимшуда (аз сураи панҷоҳум то сураи як саду чордаҳуми Қуръон). Дар ин қабил сураҳо, масалан, сураи 53 «Ан-Наҷм», сураи 57 «Ал-Ҳадид», сураи 67 «Ал-Мулк» таълимоти судии Қуръон бештар дар шакли принсипиалии динӣ тавассути изҳори қудрати кулл ва тавоноии мутлақи Худованд ба назар мерасанд.

Сураҳои Қуръон мувофиқи сохтори худ аз оятҳо иборатанд. Дар оятҳо принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии Қуръон, аз ҷумла, таълимоти меъёрии Қуръон оид ба ҳокимияти судӣ муқаррар гардидаанд. Бинобар ин, фаҳмиши мазмуну моҳияти оят аҳамияти муҳими тадқиқотӣ дорад.

Истилоҳи *«оят»* дар забони арабӣ ба маъноҳои гуногун меояд. Пеш аз ҳама, он таҳти мафҳумҳои аҷоибот, нишона, панду насиҳат фаҳмида мешавад. Чунин маънои истилоҳии оятҳо дар Қуръон аз он дарак медиҳад, ки ҳар як оят дорои мазмуни ба худ хос буда, аз дигар оятҳо фарқ мекунад. Аз ин лиҳоз, зимни маънидоди он оятҳое, ки дар асли худ таълимоти Қуръонро оид ба ҳокимияти судӣ инъикос мекунанд, бояд онро ба назар гирифт, ки дар ҳар як аз чунин оятҳо таълимоти судии ҷой дошта хусусияти ба худ хос дорад ва чунин хусусият, пеш аз ҳама, бо сабабҳои нузули оят, тафсир ва татбиқи он аз ҷониби Паёмбар – ҳамчун ҳакам ва қозии нахустин дар ислом муайян карда мешавад.

Лозим ба қайд аст, ки ба сабаби дар аҳди исломи классикӣ дар матнҳои хаттии Қуръон аз ҳамдигар бо воситаи ишораву рамзҳо ҷудо нашудани оятҳо, байни олимони исломӣ дар масъалаи шумораи умумии оятҳо гуногунфикрӣ ҷой дорад. Масалан, сокинони шаҳри Макка дар ин масъала ба маълумоти Муҷоҳид ибни Ҷаҳр, сокинони шаҳри Мадина ба маълумоти Шайб ибни Нассоҳӣ ва сокинони шаҳри Кӯфа ба маълумоти Абӯ Абдурраҳмон ас-Суламӣ такя мекарданд. Аз рӯи ҳисобҳои олимони номбурда миқдори оятҳои қуръонӣ ба таври гуногун аз 6210 то 6214 оят ҳисоб карда шуда буданд.

Аз ҷониби дигар, яке аз сабабҳои асосии гуногун ҳисоб шудани оятҳои Қуръонро дар давраҳои аввали рушди ҳуқуқи исломӣ бо он алоқаманд кардан мумкин аст, ки дар он давра хатти арабӣ ҳоло ба қолаби муайян наомада буд. Бинобар ин, назари ҳофизони Қуръон дар ин масъала аз ҳамдигар фарқ мекард.[7, с.13]

Яке аз масъалаҳои дигаре, ки байни олимони муфассир ва муфаққеҳ аҳамияти муҳими тадқиқотӣ дорад, ин масъалаи марбут ба тартиби ҷойгиршавии оятҳо дар Қуръон мебошад. Дар ин масъала байни олимон оид ба он ки оятҳои қуръонӣ бо тартиби Паёмбар муқаррар карда дар сураҳои Қуръон ҷойгир шудаанд, иттифоқи оро вуҷуд дорад. Яъне, худи Паёмбар оятҳои нозилшударо ба ин ё он сура ҷойгир мекарданд. Оид ба ин, дар яке аз аҳодиси набавӣ чунин оварда мешавад: «Ибни Аббос аз Усмон ибни Аффон нақл менамояд, ки ӯ гуфт: «Вақте, ки якчанд сура яку якбора нозил мешуданд ва ҳамчунин баъди ин ягон оят нозил мегардид, Паёмбар яке аз котибонро ба назди худ даъват карда, мефармуданд: «Инро дар фалон сура ҷойгир кунед» [8, с.29].

Тибқи маълумотҳои дигар, то он замоне, ки ибораи илоҳии қуръонӣ «Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон» нозил намегардид, Паёмбар оятҳои нав нозилшударо дар сураи нозил шуда ҷойгир мекарданд ва танҳо баъди нузули ибораи номбурда дарк мекарданд, ки сураи қаблӣ ба охир расида, нузули сураи нав оғоз ёфтааст [9, с.195; 5, с.522].

Бояд гуфт, ки дар байни олимон роҷеъ ба масъалаи тартиби ҷойгиркунии сураҳо дар Қуръон низ иттифоқи оро мушоҳида намешавад. Баҳс асосан атрофи масъалаи аз ҷониби Паёмбар ба тартиб оварда шудан ё нашудани сураҳо дар Қуръон меравад. Дар ин масъала, як қисми муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки тартиби ҷойгиркунии

сураҳоро дар Қуръон худи Паёмбар тавассути омӯхтани он аз фариштаи муқарраб Ҷабраил муқаррар кардаанд. Инчунин, нозил шудани Қуръон дар моҳи рамазон низ далели ин иддао ба шумо меравад [5, с.521-522].

Олимони гурӯҳи дигар чунин ақида доранд, ки тартиби ҷойгиршавии сураҳо дар Қуръон аз ҷониби саҳобаҳо, хусусан он саҳобаҳое, ки фақеҳу муҷтаҳид ва қозии машҳури Паёмбар буданд, бо роҳи иҷтиҳод, яъне қарори мустақилонаи онҳо муқаррар шудааст. Масалан, дар ин самт нусхаи Қуръони ҷамънамудаи Абдуллоҳ ибни Масъуд – фақеҳ ва қозии Паёмбарро мисол овардан мумкин аст [9, с.195] Дар ин маврид далели зерин оварда мешавад: тартиби ҷойгиршавии сураҳо дар матнҳои қуръонии аз ҷониби баъзе саҳобаҳо ҷамъоваришуда аз мусҳафи усмонӣ, ки расман баъди кодификатсияи солҳои 651-656 таҳия гардида буд, фарқ мекард.

Хулоса Қуръон аз 114 сура, зиёда аз 6200 оят, 30 ҷузъ, ду қисм (*ҳизб),* ки онҳо фарогири чор чаҳоряк (*рубъ)*мебошанд, иборат буда, 29 сураи он бо ҳарфҳо оғоз меёбад ва дар зиёда аз 40 сура оятҳои мансух ҷой дорад. Қуръон 77439 калима ва 321180 ҳарфҳоро дар бар мегирад.

Дар Қуръон аз ҳаҷми умумии зиёда аз 6200 оят, тақрибан 500 оят мазмуни ҳуқуқӣ доранд [13, с.33], ки онҳо бештар дар сураҳои 2 («Ал-Бақара»), 4 («Ан-Нисо»), 5 («Ал-Моида») ва ба таври пароканда дар дигар сураҳои боқимонда ҷой доранд. Гуфтан мумкин аст, ки сеяки чунин оятҳои ҳуқуқиро оятҳое ташкил медиҳанд, ки онҳо қоидаҳои татбиқи адолати судиро дар бар мегиранд.

Бояд қайд кард, ки принсипҳои судии Қуръон бештар дар сураҳои маккӣ ва меъёрҳои мушаххаси судии Қуръон бештар дар сураҳои мадинӣ дида мешаванд.

Вобаста ба ин, лозим ба ёдоварист, ки тамоми сураҳои Қуръон аз рӯи макони нозилшавиашон ба маккӣ ва мадинӣ ҷудо мешаванд.

Ба фикри як гурӯҳи олимони исломӣ, сураҳои маккӣ он сураҳое мебошанд, ки онҳо то замони ҳиҷрати Паёмбар ба шаҳри Ясриб (Мадина) дар шаҳри Макка ва атрофи он, ҳатто дар роҳ ба сӯи Ясриб нозил гардида буданд. Бояд гуфт, ки дар чунин сураҳо таълимоти принсипиалии Қуръон оид ба ҳокимияти судӣ асосан дар шакл ва мазмуни динӣ ифода ёфтаанд.

Сураҳои мадинӣ сураҳое мебошанд, ки онҳо баъди ҳиҷрати Паёмбар ба шаҳри Ясриб (Мадина) нозил гардидаанд. Дар сураҳои мадинӣ таълимоти Қуръон оид ба ҳокимияти судӣ бештар дар мазмуни аниқи меъёрӣ ва муомилотӣ изҳор гардида, тавассути чунин таълимот ташаккули шахсияти касбии Паёмбарро ҳамчун аввалин ҳакам, довар ва қозӣ дар ислом дидан мумкин аст. Зеро, ваҳйҳои илоҳӣ ҳамчун маъво ва сарчашмаи бевоситаи тарбияткунандаи Паёмбар дар ин кори пурмасъулият зуҳур мекарданд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар масъалаи фаҳмиши моҳияти сураҳои маккӣ ва мадинӣ гурӯҳи дигари олимони исломӣ аз он бармеоянд, ки сураҳои дар Макка нозил шуда сураҳои маккӣ ва сураҳои дар Мадина нозил шуда сураҳои мадинӣ мебошанд. Дар доираи ин назария инчунин гурӯҳи оятҳои дар роҳ нозилшуда фарқ карда мешавад. Масалан, оятҳое, ки дар Тоиф, Байтулмуқаддас, Ҳудайбия, Табук, Уҳуд ва дигар минтақаҳо нозил гардида буданд.

Оид ба ин масъала баъзе олимон чунин ақида доранд, ки сураҳои ба сокинони Макка таъинот дошта - сураҳои маккӣ ва сураҳое, ки онҳо ба аҳолии Мадина

нигаронида шуда буданд, мадинӣ ном гирифтаанд[9, с.200].

Қуръон 86 сураи маккӣ ва 28 сураи мадиниро дарбар мегирад, ки дар аксарияти онҳо принсипҳо ва меъёрҳои судӣ, ғояҳои адолат ва қонунияти судиро дидан мумкин аст.

Умуман, мазмуни асосии Қуръонро ҳамчун китоби муқаддаси динӣ ва сарчашмаи классикии ҳуқуқ дар ислом таъмини қонуният ва татбиқи адолати илоҳӣ ташкил медиҳад. Тамоми мазмуни Қуръон атрофи принсипи адолати мутлақи Худованд таҳия гардидааст. Ва чунин адолат ҳамчун адолати қазоватии мутлақ фаҳмида мешавад. Вобаста ба ин, Қуръон чун сарчашмаи асосӣ ва классикӣ дар самти татбиқи ҳокимияти судӣ баромад мекунад. Бояд гуфт, ки меъёр ва принсипҳои ҳуқуқии Қуръон асосан дар сураҳои мадинӣ ҷой гирифтаанд. Аммо вақте ки сухан дар бораи принсипҳо ва меъёрҳои судии Қуръон, таълимоти он оид ба ҳокимияти судӣ меравад, бояд дар назар дошт, ки дар ҳамаи сураҳои қуръонӣ ин масъала ҳам ба мазмуни динӣ ва ҳам муомилотӣ инъикос ёфтааст. Зеро, яке аз принсипҳои бунёдии Қуръон ин шинохтани Худованд чун Ҳаками одил аст. Дар Қуръон аслан тавассути принсипи мазкур моҳияти ҳастии инсон, тамоми мавҷудот ва қудрати мутлақи Худованд фаҳмида мешавад.

Бояд гуфт, ки дар Қуръон масоили танзими ҷабҳаҳои муҳими ҳокимияти судӣ, татбиқи қонуният ва адолати судӣ дар сураи «Ал-Бақара», оятҳои 172-183, 194, 200, 203, сураи «Оли Имрон», оятҳои 18, 25-26, 55, 104, 108, 140, сураи «Ан-Нисо», оятҳои 29, 30, 35, 58, 60, 65, 105, 135, 148, 168, 176, сураи «Ал-Моъида», оятҳои 42-44, 47-50, сураи «Анъом», ояти 152, сураи «Сод», ояти 26, сураи «Ҳадид», ояти 25, сураи «Исроъ», ояти 23, сураи «Юсуф», ояти 41, сураи «Тоҳо», ояти 72, сураи «Наҳл», ояти 90, сураи «Анбиё», оятҳои 78, 112 ва дигар сураҳои қуръонӣ инъикос меёбанд.

Ба қавли муфассири машҳури исломӣ Ибни Касир дар асли мазмуни ҳар як сураҳои номбурда ақида дар бораи он ҷой дорад, ки Худованд ҳакам ва одил аст, одиле, ки ҷавр намекунад, зеро Ӯ қодир аст ба ҳар як кор ва олим аст ба ҳар як чиз. Пас мӯҳтоҷ нест бар зулм кардани халқаш. Бо вуҷуди қудрат, доноӣ, тавоноии мутлақ ва дорои кулл будан Худованд зулм намекунад ва доимо одил аст. Яъне, тибқи ғояи Қуръон дар маркази таълимот оид ба ҳокимияти судӣ ақида дар бораи мутлақ, доимӣ ва дар бар гирандаи тамоми мавҷудот будани адли Аллоҳ гузошта шудааст.[15, с.583]

Бояд махсус таъкид кард, ки таълимоти бунёдии Қуръон оид ба ҳокимияти судӣ асосан дар як зумра оятҳои мушаххас инъикос меёбанд, ки онҳо дар ин самт ҳамчун модарони аҳком шинохта шудаанд. Ба доираи чунин оятҳо, масалан, ояти 172 сураи «Ал-Бақара», оятҳои 58, 60, 65, 105, 135 сураи «Ан-Нисо», ояти 26 сураи «Сод» дохил мешаванд.

Зимни маънидоди паҳлӯҳои асосии ҳокимияти судӣ, Қуръон, дар навбати аввал аҳамияти муҳимро ба омодагии маънавӣ, рӯҳӣ, биофизиологии номзад ба мансаби қозигӣ ва худи қозӣ ҷудо мекунад. Чунин шахс бояд, пеш аз ҳама, доимо ғизои ҳалол хӯрда, дар ҳалол парвариш ёфта бошад. Вобаста ба ин, дар сураи «Ал-Бақара», ояти 172 чунин омадааст: «Эй касоне, ки имон овардаед, аз он чизҳои покизае, ки рӯзии шумо кардаем, бихӯред ва агар Худоро мепарастед, шукрашро ба ҷой оваред». Дар маънидоди ояти мазкур дар яке аз аҳодиси набавӣ зикр шудааст: «Абӯҳурайра аз

Паёмбар нақл кард, ки гуфтанд: «Эй мардум! Албатта, Худованди таоло пок аст ва қабул накунад магарам покиро ва, албатта, Аллоҳ амр кардааст мӯъминонро ба он чизе, ки амр кардааст пайғамбаронро»… Пас зикр намуданд Паёмбар як мардеро, ки сафари дурудароз дошту мӯйҳояш парешону чангу ғубор буданд. Ӯ ду дастонашро ба осмон барои дуо мебардошт ва мегуфт: «Эй Парвардигоро, эй Парвардигоро!» Валекин хӯрдани ӯ, нӯшидани ӯ ва пӯшидани ӯ ҳаром аст ва тамоми аъзои баданаш бо ҳаром ғизо гирифтааст. Пас чӣ гуна иҷобат мешавад дуояш?» [1, ч.1, с.610]

Бояд зикр сохт, ки меҳвари таълимоти меъёрии Қуръонро оид ба ҳокимияти судӣ ғоя дар бораи татбиқи амалии адолати судӣ, ҳамеша ҷӯёи ҳақ ва беғараз будани ҳакаму доварон ва қозиҳо ташкил медиҳад. Муқаррар шудани чунин меъёр дар Қуръон оид ба мавқеи ниҳоят баланд доштани ҳокимияти судӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва аз масъулияти бузурги соҳибони чунин ҳокимият дарак медиҳад. Дар Қуръон танзими меъёрии ин масъала бо сураи «Ан-Нисо», ояти 58 муқаррар гардидааст, ки он дар байни оятҳои мазмуни судӣ-ҳуқуқӣ доштаи Қуръон ҳамроҳ бо ояти 26-ми сураи «Сод» модари аҳкомҳои қуръониро ташкил медиҳад: «Худо ба шумо фармон медиҳад, ки амонатҳоро ба соҳибонашон бозгардонед. Ва чун дар миёни мардум ба доварӣ нишинед, ба адл доварӣ кунед. Худо шуморо чӣ некӯ панд медиҳад. Албатта Ӯ шунаво ва биност!» Дар маънидоди ояти мазкур муфассирони исломӣ аз он бармеоянд, ки он ба сӯи волиҳову ҳокимон ва онон, ки ҳукм мекунанд, нигаронида шудааст [2, с.225]. Онҳо бояд дар ҳама вазъият боадолат ҳукм кунанд ва содиқ ба ин кор дар тамоми ҳолатҳо қарор гиранд.

Дар татбиқи ҳокимияти судӣ тибқи Қуръон ҳамчун ниҳоди муҳими сиёсӣ-ҳуқуқӣ паёмбар Муҳаммад (с) баромад мекунанд. Паёмбар аввалин қозӣ дар таърихи ислом буданд. Бинобар ин, тамоми қоидаҳои адолати судӣ тавассути таҷрибаи доварии Паёмбар ҳамчун суннати набавӣ ба ҷамоаи мусулмонӣ мерос монда, чун асли муносибати амалӣ нисбати татбиқи ҳокимияти судӣ муайян гардидаанд. Аз ин лиҳоз, шахсияти Паёмбар, фазл ва мартабаи касбии Паёмбар ҳамчун аввалин қозӣ дар ислом бевосита бо принсипҳо ва меъёрҳои бунёдии таълимоти Қуръон оид ба ҳокимияти судӣ мавриди ҳимоя қарор дода шудаанд. Аз дигар ҷониб, қудрат ва ваколати судии Паёмбар мазмуни муқаддаси динӣ дошта, бевосита аз суннати Худованд сарчашма мегирад. Бинобар ин, паёмбар Муҳаммад (с) ҳамроҳ бо дигар паёмбарон, аз ҷумла, Довуду Сулаймон ҳамчун қозии Худованд дар ҳалли қазияҳои одамон баромад мекарданд. Дар алоқамандӣ ба ин, дар Қуръон, дар сураи «Ан-Нисо», ояти 60 чунин муқаррар гардидааст: «Оё ононро намебинӣ, ки мепиндоранд, ки ба он чӣ бар ту нозил шуда ва он чӣ пеш аз ту нозил шудааст, имон овардаанд, вале мехоҳанд, ки бутро довар қарор диҳанд, дар ҳоле ки ба онон гуфтаанд, ки бутро рад кунанд. Шайтон мехоҳад гумроҳашон созад ва аз ҳақ дур гардонад». Тибқи маълумотҳои баъзе аз муфассирон, сабаби нузули оят бо хусумати ду мард алоқаманд буд. Аз он ду яке марди мунофиқ ва дигаре марди яҳудӣ буд. Ва яҳудӣ, ки даъвогар дар хасм буд, мунофиқро ба рафтан ба назди Паёмбар барои ҳалли қазия даъват намуд, зеро ӯ аниқ медонист, ки Паёмбар бо адолат ва ҳақ ҳукм мекунанд. Лекин мунофиқ яҳудиро ба назди ҳакамҳои худашон даъват мекард, зеро ӯ аниқ медонист, ки он ҳакамҳо дар ҳукмҳои худ пора гирифта, ноҳақ ҳукм мекунанд. Ихтилофи байни ин ду хасм, яъне яҳудӣ ва мунофиқ, ҳамин тавр, дар масъалаи интихоби ҳакам афтода

буд. Аммо баъдан онҳо иҷтимоъ менамоянд то бо хусумати худ назди коҳин Кааб ибни Ашраф раванд.[2, с.231] Баъди чунин иттифоқи онҳо оятҳои номбурда нозил мешаванд. Тибқи таълимоти меъёрии ин оятҳо расидан ба ҳақиқат ва адолати судӣ танҳо бо роҳи риояи суннатҳои Худованд ва расулону паёмбаронаш имконпазир буда, дар ин масъала рӯй овардан ба ҳукмҳои дигар, аз ҷумла, соҳирон, коҳинон ва бутпарастон бефоида аст.

Дар маънидоди сураи «Ан-Нисо», ояти 65 Қуръон: «На, савганд ба Парвардигорат, ки имон наёваранд, магар он, ки дар низоъе, ки миёни онҳост, туро довар қарор диҳанд ва аз ҳукме, ки ту медиҳӣ, ҳеҷ нохушнуд нашаванд ва саросар таслими он гарданд», Ибни Касир қайд мекунад, ки дар ояти мазкур оид ба ҳатмӣ будани итоат ба ҳукми Паёмбар сухан меравад. Дар ин асно воқеаи баҳси саҳоба Зубайр ибни Аввом ва Ҳотиб ибни Абибалтаъ дар бобати обёрикунии замин ва қазовати Паёмбар оид ба он оварда мешавад. Ҳамчунин, воқеаи дуюми қазовати Паёмбар байни ду мард ба таври зерин нақл гардидааст: «Хасм карданд байни худ ду мард ва барои ҳалли қазия назди Паёмбар омаданд. Пас Паёмбар байни онҳо қазоват карданд. Аммо он ки ҷавобгар (муддаоалайҳ) буд, бо ҳукми Паёмбар розӣ нашуда, гуфт, ки «мо назди Умар меравем барои ҳукм». Паёмбар гуфтанд: «Метавонед назди Умар равед». Пас онҳо омаданд назди Умар ва гуфтанд ба Умар: «Мо назди Паёмбар рафтем, Паёмбар қазоват карданд байни мо, аммо бо он ки муддаоалайҳ нахост, мо гуфтем дар ин кор моро назди Умар фиристед, то ӯ ҳукм кунад». Умар гуфт: «Чунин бошад, пас истед то ман аз хона бароям ва байни шумо ҳукм кунам». Пас Умар аз хонаи худ бо шамшер баромаданд ва бо он сари муддаоалайхро аз тан ҷудо карданд. Инро дида муддаӣ фирор кард ва назди Паёмбар омада, воқеаро нақл намуд. Паёмбар баъд аз шунидани ин ҳодиса гуфтанд: «Гумон намекунам, ки Умар барои куштани мӯъмин ҷуръат кунад». Дар ҳамин асно ояти номбурда нозил шуд.[15, с.780]

Дар маънидоди сураи «Ан-Нисо», ояти 105 Қуръон: «Мо ин китобро ба ростӣ бар ту нозил кардем, то ба он чизе, ки Худо ба ту омӯхтааст, миёни мардум доварӣ кунӣ ва ба нафъи хоинон ба мухосамат (хусумат) бармахез!», Ибни Касир мегӯяд, ки ин ҳақ аст аз ҷониби Худованд ва ин дар бар мегирад ҳақро дар хабараш ва ҳам дар талабаш. Яъне, кори талабкардаи Аллоҳ бояд иҷро шавад. Дар робита ба ин, ҳадиси зерин бо ривояти Имом Бухорӣ аз Умми Салама оварда мешавад: «Шуниданд Паёмбар (с) дар назди дари хонаи худ хусумати ду мардро аз ансор оид ба мерос, ки далел надоштанд, пас назди онҳо баромаданд ва гуфтанд: «Ман як башар ҳастам. Ман қазоват мекунам ба он чизе, ки шунидам. Шояд яке аз шумо дар ҳуҷҷатоварӣ суханвар бошад назар ба дигаре ва ман ба фоидаи суханвар ҳукм мекунам. Касе, ки қазоват кунам ба фоидааш бе он ки ӯ соҳиби ҳақ нест, донад, ки ин як қитъае аз оташи дӯзах аст. Касе хоҳад онро бардорад ва касе хоҳад таркаш кунад». Инро шунида, он мардони бо хусумат омада ба гиря даромаданд ва, пас, ба ҳам ишора карда мегуфтанд, ки «ин ҳаққи бародари ман аст»[15, с.824].

Сураи «Ан-Нисо», ояти 135 Қуръон: «Эй касоне, ки имон овардаед, ба адолат фармонраво бошед ва барои Худо шоҳидӣ диҳед, ҳарчанд ба зиёни худ ё падару модар ё хешовандони шумо — чӣ тавонгар ва чӣ дарвеш бошад. Зеро Худо ба он ду сазовортар аст. Пас ба ҳавои нафс пайравӣ макунед, то аз шаҳодати ҳақ рӯй гардонед. Чӣ забонбозӣ кунед ё аз он рӯй тобед, Худо ба ҳар чӣ мекунед, огоҳ аст!» оид ба қоим

будан ба адлу дод муқарраротҳои таъкидӣ овардааст. Қавли муфассири машҳур Ибни Касири Димишқӣ оид ба мазмуни ояти мазкур чунин аст, ки амр мекунад Худованди таъоло ба бандагони мӯъминаш, ки бошанд қоимшуда ба адл дар ҳама ҳолат. Дар алоқамандӣ ба ин, саҳоба Абдуллоҳ ибни Равоҳа чунин нақл менамояд, ки: «Паёмбар ӯро ба аҳли Хайбар, ки асосан аз халқи яҳуд иборат буданд, барои ҷамъоварии андози ҷизя фиристоданд. Аҳолии он макон ӯро талаби шафқат карданд. Дар ҷавоб ба онҳо Абдуллоҳ ибни Равоҳа мегӯяд: «Валлоҳ, ки ман аз назди дӯстдоштатарини халқ, яъне Паёмбар омадам... Аммо ин чиз, яъне на муҳаббати ман ба Паёмбар ва на бадбинии ман шуморо, намебаранд маро берун аз адл». Пас онҳо гуфтанд: «Бо ҳамин, яъне адл, замину осмон қарор доранд» [15, с.846-847].

Бояд гуфт, ки қалби таълимоти Қуръонро оид ба ҳокимияти судӣ меъёрҳои ояти 26-уми сураи «Сод» ташкил медиҳанд. Дар он ҳатмияти ҳукм кардан байни мардум бо адлу ҳақиқат муқаррар шудааст: «Эй Довуд, Мо туро халифаи рӯи замин гардонидем. Дар миёни мардум ба ҳақ доварӣ кун ва аз паи ҳавои нафс марав, ки туро аз роҳи Худо бероҳ созад. Онон, ки аз роҳи Худо каҷрав шаванд, ба он сабаб, ки рӯзи ҳисобро аз ёд бурдаанд, ба азобе сахт гирифтор мешаванд». Тибқи таълимоти судии Қуръон, ояти мазкур далолат мекунад ба воҷиб будани ҳукм ба ҳақиқат ва майл накардан ба ҷониби яке аз хасмон бо сабаби хешовандӣ ва ё агар аз ӯ фоидае расад. Дар маънидоди моҳияти меъёри ин оят дар сарчашмаҳо қиссаи зерин нақл гардидааст: «Дар Бани Исроил муҷтаҳиде буд номдор ба талабидани ҳақиқат. Ба Худованд дуо мекард, ки «ба ман нишонае деҳ, то бо он фаҳмам, оё ҳукмҳои кардаам дурустанд?» Худованд нишоне дод, ки тибқи он ӯ бояд дар девори хона баробари дасташ хат кашад, то ҳар бор баъди ҳукм омада, дастро ба он гузорад ва агар даст бо хати кашида баробар ояд, ҳукм дуруст аст. Инро ӯ истифода мекард. Яъне, доимо баъди ҳукм кардан ба хона омада, аввал хӯрок нахӯрда ва дигар коре накарда, ӯ дасташро ба он хат мегузошт ва баробар меомад. Рӯзе ӯ байни шахсоне ҳукм кард, ки яке аз онҳо дӯсташ буд ва онҳо ҳар ду далелҳо доштанд, аммо дили ӯ ба сӯи дӯсташ майл карда, ба фоидаи ӯ ҳукм баровард. Ба хона омада, дасташро ба хат гузоштанӣ буд, ки он боло шудааст. Баъди ин ҳол ӯ сарашро ба саҷда партофта, ба Худованд нидо карда мегуфт, ки «дар ин кор ман қасде надоштам». Пас нидо омад ба вай: «Оё ту гумон мекунӣ, ки Худованд хиёнати қалбатро намебинад?»[1,ч.8, с.161-162]

Аз натиҷаи омӯзиши масъалаи таълимоти Қуръон оид ба ҳокимияти судӣ чунин хулоса кардан мумкин аст, ки таълимоти мазкур ниҳоят мазмуни васеъ дошта, дар доираи як мақолаи илмӣ пурра тадқиқ кардани он имконпазир намебошад.

Бояд гуфт, ки тамоми ҷабҳаҳои таълимоти Қуръон оид ба ҳокимияти судӣ мазмуни диниву меъёрӣ доранд. Ин чунин маъно дорад, ки таълимоти мазкур, аз як ҷониб, бо принсипи бунёдии динии Қуръон, яъне тавҳид сахт алоқаманд буда, аз ҷониби дигар, ҳар як ғояву таълимоти қуръонӣ дар ин самт дар як вақт ба сифати меъёри ҳуқуқии барои риояву иҷроиш ҳатмӣ баромад мекунанд.

Таълимоти Қуръон оид ба ҳокимияти судӣ назар ба маҷмӯи меъёрҳои аниқи судӣ-ҳуқуқии Қуръон доираи васеъро ишғол менамоянд. Ин таълимотҳо дар тамоми сураҳои Қуръон, ҳам маккӣ ва ҳам мадинагӣ ҷойгир мебошанд ва рукну аслҳои онҳоро принсипҳо ва меъёрҳои мушаххаси қуръонӣ оид ба ҳокимияти судӣ ташкил медиҳанд.

Дар доираи таълимоти Қуръон оид ба ҳокимияти судӣ бисёре аз ниҳодҳои (институтҳои) муҳими ин соҳа мавриди баррасиву танзим қарор дода шудаанд. Аз ҷумла, дар Қуръон худи ҳокимияти судӣ аз ду нигоҳ, яъне мутлақ ва нисбӣ фаҳмида шуда, субъектони ҳокимияти судӣ ва намудҳои онҳо фарқ карда мешаванд. Масалан, чун соҳиби мутлақи ҳокимияти судӣ Худованд буда, баъдан ба сифати дорандагони нисбии он аввал Паёмбар ва сониян ҳокимон, волиҳо, амирҳо, қозиҳо ва ҳакамҳо баромад мекунанд.

Лозим ба ёдоварист, ки таълимоти Қуръон оид ба ҳокимияти судӣ бо таълимоти судӣ ва фаъолияти қозигии паёмбар Муҳаммад (с) алоқамандии зич дорад. Дар ин самт, таълимоти судӣ ва таҷрибаи доварии Паёмбар тафсиркунандаи муқарраротҳои Қуръон оид ба адолати судӣ мебошанд. Аз ҳамин сабаб, муфассирони Қуръон зимни маънидоди оятҳои Қуръон аз аҳодиси набавӣ ба таври васеъ истифода мекунанд.

Бояд дар назар дошт, ки дар Қуръон ғояи ҳифзи этикаи касбии қозӣ тавассути меъёрҳои сураҳои «Ал-Бақара», «Ан-Нисо», «Ал-Моида», «Ан-Наҳл», «Сод» ва дигар сураҳо дар шаклҳои гуногун, аз қабили, доимо дар ҳукм боадолат будан, риояии ҳатмии баробарии тарафҳои хусумат, ҳалол хӯрдан ва ба ҳаром нагаравидан муқаррар шудааст. Дар байни онҳо яке аз ғояҳои меъёрии муҳим, ки дар замони муосир низ аз аҳамият холӣ нахоҳад буд, ин аз моли ҳаром дур будан аст. Ин ғоя дар ояти 42 сураи «Ал-Моида» - и Қуръон ба таври қатъӣ изҳор шуда, дар он хӯрдани моли ҳаром таҳти истилоҳи *сӯҳт* омадааст, ки маънои луғавии он аз забони арабӣ решаканкунӣ ва нобудшавӣ мебошад. Зеро, писандидани моли ҳаром ва истеъмолу истифодаи он дар ниҳоят сифатҳои инсонӣ, низом, қоидаву тартиботро аз байн мебарад. Аз ин лиҳоз, мувофиқи таълимоти Қуръон, намояндагони ҳокимияти судӣ бояд худро аз он хеле дур гиранд.

Бояд хотиррасон намуд, ки истилоҳи қуръонии *сӯҳт* дар тафсири Паёмбар, саҳобагони машҳур дар фиқҳ ва қазо ва олимони тобеъин ба маънои ришва омадааст. Масалан, вақте аз Паёмбар пурсиданд, ки *сӯҳташ* чист? Паёмбар дар ҷавоб гуфтанд: «*Сӯҳт* ин ришва дар ҳукм аст» [1, ч.3, с.538]. Тибқи ақида ва иҷмоъи фақеҳон ва қозиёни машҳури Паёмбар, аз ҷумла, Умар ибн ал-Хаттоб, Алӣ ибни Абӯ Толиб ва Абдуллоҳ ибни Масъуд *сӯҳт* ин ришва аст.[1, ч.3, с.538-539]

Талимоти Қуръон оид ба *сӯҳт* – ҳамчун омили коста ва нобуд гардидани низоми ҷамъият дар самти адлу додгустарӣ, фарҳангу оин, ахлоқ ва арзишҳои волои инсонӣ дар таълимоти фақеҳони машҳури тобеин, хусусан, Имоми Аъзам Абӯҳанифа, ки поягузори доктринаи судии хоса мебошад, васеъ инъикос ёфтааст. Дар таълимоти Имоми Аъзам Абӯҳанифа назари хеле танқидӣ нисбат ба сӯҳт – ҳамчун ришваи ҳоким ё қозӣ баён шудааст. Хусусан, муқаррар гардида буд, ки агар ришва гирад ҳоким, ӯ аз қозигӣ дарҳол мазъул хоҳад шуд, агарчанд ӯро расман ба истеъфо набароранд ва тамоми ҳукмҳои баровардаи ӯ ботил мешаванд.[1, ч.3, с.539] Яъне, аз лаҳзае, ки қозӣ порагирӣ кард, ӯ бояд дарк кунад, ки дигар ӯ қозӣ нест ва ин ҷо расман мазъул нашудани ӯ аҳамият надорад.

Ба ҳамин тарз, таълимоти Қуръон оид ба ҳокимияти судӣ хислати принсипиалӣ ва меъёрӣ дошта, дарку фаҳмиши мазмун, моҳият ва таъиноту мақсади он бо роҳи омӯзиши тафсирҳои машҳур ва саҳеҳи Қуръон, ки бо усули фиқҳӣ таҳия гардидаанд, имконпазир аст.

**Пайнавишт:**

1. *Абу Абдуллоҳ Муҳаммад ибн Аҳмад ал-Қуртубӣ. Ал-Ҷомеъу ли аҳкомил Қуръон. – Дар 10 ҷилд. – Қоҳира: Дор-ул-ҳадис, 2002/1423ҳ. - Ҷ.1. – 799с.; Ҷ.3. – 760с.; Ҷ.8. – 624с.*
2. *Абӣ Абдуллоҳ Муҳаммад ал-Қуртубӣ. Ал-Ҷомеъ-ул аҳкомил Қуръонӣ. Тафсирул Қуртубӣ. – Дар 10 ҷилд. – Ҷ.3. – Қоҳира: Мактаба ат-тавфиқия, (б.с.ч.). – 384с.*
3. *Авксентьев А.В., Мавлютов Р.Р. Роҷеъ ба Қуръон /Аз русӣ тарҷумаи Тӯҳфа Расулӣ. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 112 с.*
4. *Азизов У.А. Становление и развитие институтов преступления и наказания на территории дореволюционного Таджикистана./Монография. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2014. – 200 с.*
5. *Ал-Баговӣ ал-Ҳусайн ибн Масъуд. Шарҳ ас-Сунна. – Табъи 2. – Дар 16 ҷилд. – Ҷ.4. – Бейрут: Ал-Мактаб ал-исломӣ, 1403ҳ.*
6. *Ас-Суйути Джалал ад-Дин. Совершенство в коранических науках: Учение о ниспослании Корана /Пер. и комментарии Д.В. Фролова . – 1-е изд. – М.: Муравей, 2001.*
7. *Ибни Касири Димишқӣ. Ат-Тафсир ал-Қуръон ал-азим. Дар 4 ҷилд. – Табъи 2. – Ҷ.1. – Ал-Қувайт: Дор-ул-ирфон, 1416.*
8. *Ибни Хоҷари Асқалонӣ. Фатҳ-ул-борӣ би шарҳи Саҳеҳ-ал-Бухорӣ. – Табъи 1. – Дар 15 ҷилд. – Ҷ.9. – Қоҳира: Дор-ар-район ли ат-турос, 1407ҳ.*
9. *Кулиев Э.Р. На пути к Корану /Э.Р. Кулиев. – М.: Эжаев, 2006. – 553, [7]с.*
10. *Коран /Перевод смыслов Э.Р. Кулиева. Издание пятое, исправленное и дополненное. – М.: Издательский дом «УММА», 2004. – 688 с.*
11. *Максуд Р. Ислам /Рукайя Максуд. – Пер. с англ. В. Новикова. – М.: ФАИР-ПРЕСС, 2003. – 304с.: ил.*
12. *Мусульманское право (внутренние и международно-правовые нормы): Учебник /Под ред. М.А. Сарсембаева. –Алматы: Издательство института «Данекер», 1999. -256 с.*
13. *Остроумов Н.П. Исламоведение. – Ташкент, 1912. – 158 с.*
14. *Рахимова Ф.М. Учения ханафизма о государстве, справедливости и праве (VIII-XIII вв.). – Душанбе: «Истеъдод», 2016. – 272 с.*
15. *Тафсиру-л-Қуръони-л азим ли-л-имоми-л ҳофиз Абилфидо Исмоил ибни Касир. - Табъи 1. – Дар 3 ҷилд. – Ҷ.1. – Ал-Қоҳира, 1423ҳ./2002. - 895 с.*
16. *Холиқов А.Ғ. Ҳуқуқи исломӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 476 с.*

**Reference Literature:**

1. *Abu Abdullokh Mukhammad ibn Akhmad al-Kurtubi. Injunctions of the Koran for Society Bound to be observed. In 10 volumes. V. 3. – Kokhira: The Tree of Cognition. 1423//2002. V.1 – 799 pp:, V. 3 – 760 pp.. V. 8 – 624 pp.*
2. *Ibidem. Commentaries by Kurtubi. V. 3 – Kokhira: Promotion School. – 384 pp.*
3. *Avksentyev A. V., Mavlyutov R. R. In Reference to the Koran. Translation from Russian into Tajik by Tuhfa Rasuli. – Dushanbe: Cognition, 1991. – 112 pp.*
4. *Azizov U. A. Formation and Development of the Institute Dealing with Crime and Punishment on the Territory of pre-Revolutionary Tajikistan. Monograph. – Dushanbe: “Nightin-Gale”, 2014. – 200 pp.*

5. *Al-Bagovi al-Khusayn ibn Masud. Interpretation of Sunnas. The 2-nd edition. In 16 volumes; P. 4. Beirut: Islamic School. 1403 hijra.*
6. *As-Suyiti Djalal ibn-Din. Perfection in Koranic Sciences: The Tenet Concerned with the Koran Sent down by Heavens // Translation and Commentaries by D. V. Frolov. The 1-st edition. –M.: Ant. 2001.*
7. *Ibni Kasiri Dimishki. Interpretation and Explanation of the Koran. In 4 volumes. – Part 1. El-kuwait: The Trce of Cognition. 1416 hijra.*
8. *Ibni Khodjari askaloni. Comprehension of God in Interpretation by Sakheh – al – Buhori. In 15 volumes. V.1. – p. 9. – Kohira: Dor-ar-Rayon li at-Turos. 1407 hijra.*
9. *Kuliyev E. R. On the way to the Koran // E. R. Kuliyev. – M.: Ezhayev, 2006- 553 pp.*
10. *The Koran / Translation of Sensible Meanings by E. R. Kuliyev. The 5-th edition, revised and enlarged. – M.: "UMMA" publishing-house, 2004. – 688 pp.*
11. *Maksud R. Islam // Rukaya Maksud. – Translation from English by V. Novikov. – M.: FAIR-PRESS, 2003. -304 pp. (illustrated)*
12. *Moslemic Law (Home Domestic and International Legal Norms): manual (under the editorship of M. A. Sarsembayev. – Almaty: publishing-house of "Daneker" Institute, 1999. – 256 pp.*
13. *Ostroymov N. P. Islamic Studies. – Tashkent, 1912. – 158 pp.*
14. *Rakhimova F. M. The Tenets of Khanafizm on State, justice and Law ( VIII – XIII cc.). – Dushanbe: "Promptitude", 2016. – 272 pp.*
15. *Interpretation of the Koran by Imom-Khofiz Abilfido, Ismoil ibn Kasir V. 1; edition in 3 parts; p. 1. – Al-Khohira. 1423 // 2002. -895 pp.*
16. *Kholikov. Islamic Law. – Dushanbe: Er – Graph, 2010. – 476 pp.*